**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илми назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ**

**Парвандаи аттестатсионии №______**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 27 феврали соли 2025 суратҷаласаи №**3

Довталаби дараҷаи илмӣ Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич 05 январи соли 1989 дар ноҳияи Данғара вилояти Хатлон Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Барои сазовор донистани Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ).

Диссертатсияи Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯи: **«Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара»**, аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) ба ҳимоя 10.12.2024 қабул карда шуд, суратҷаласаи №14-2 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо нишонаи 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Бофанда 5/2 (фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №192/шд аз 01.07.2022).

Унвонҷӯ Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич, соли таваллудаш 05.01.1989, соли 2012 Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бо ихтисоси «Сохтмони гидротехникӣ (муҳандис сохтмончӣ)» хатм намудааст, ДТО №0122279.

Дар айни ҳол Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар вазифаи омӯзгори калони кафедраи сохтмони факултети техникӣ ва технологӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ” кор мекунад.

Диссертатсия дар лабораторияи “Энергетика, захира ва энергосарфанамоӣ”–и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва кафедраи «Сохтмон»-и МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” иҷро шудааст.

**Роҳбарони илмӣ:**

**- Ҳасанзода Нуралӣ Мамед,** доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор, мудири кафедраи «Асосҳо, таҳкурсиҳо ва иншоотҳои зеризаминӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ.

- **Абдуллоев Сафарбек Саъдуллоевич,** номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи «Сохтмон» МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Комилов Одина Комилович** корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессер, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи «Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ» Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

- **Икромов Илҳом Исломқулович** номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи «Механикаи сохтмонӣ ва иншоотҳои гидротехникӣ» Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

Муқарризони расмии зикргардида ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса (суратҷаласаи №2 аз 05 феврали соли 2025), ки аз тарафи раиси ҷаласа, н.и.т. мудири кафедраи «Сохтмони гидротехникӣ ва фанҳои умумитехникӣ» - и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Давлатов Д.Н., эксперт ва омодакунандаи лоиҳаи тақриз, номзади илмҳои техникӣ, ноиби ректор оид ба илм, иноватсия ва равобити хориҷӣ, омӯзгори кафедраи «Сохтмони гидротехникӣ ва фанҳои умумитехникӣ» - и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва котиби ҷаласа, ассистенти кафедраи «Сохтмони гидротехникӣ ва фанҳои умумитехникӣ» - и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Тоиров Э.А. ба имзо расидааст ва аз ҷониби ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Исозода Д.Т.тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯи **«Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара»**, кори илмии ба анҷом расонидашуда буда, он ба талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 с. тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Диссертатсия ба бандҳои 2 ва 3-уми шиносномаи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) мувофиқ аст. Муаллифи рисола Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) мебошад.

Унвонҷӯ дорои 23 мақолаи нашршуда, аз ҷумла; 9 мақола дар нашриётҳои тақризшавандаи эътирофнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида ва як патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами № TJ 1417 гирифта аст.

**Навгонии кори илмӣ:**

- омилҳои геологӣ (литологияҳои гуногун ва тавсифоти массиви ҷинсҳои кӯҳӣ), ки ба хосиятҳои мустаҳкамии ҷинсҳои массиви кӯҳӣ дар ҳудуди нақби гидротехникии Данғара таъсир мерасонанд;

- амсиласозии рақамии ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунӣ нақби обгузарон дар мисоли D-1 НБО – и Роғун ва коркарди пешниҳодҳо оиди зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии асоси тахтасанг то ғафсии 5 м;

- коркарди конструксияи зилзилатобовари намуди аркагии қубурҳои обгузарон;

- пешниҳодҳо оиди интихоби намуди махкамкунӣ дар асоси мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои пеш санҷидашуда, бо назардошти элементҳои асосии онҳо, барои қитъаҳои гуногуни нақби гидротехникӣ бо ҳисоби фарқияти аслии геометрӣ ва литологӣ.

**Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои зерин ба нашр расидаанд:**

**Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. **Зувайдов М.М.** Таҳқиқоти назарявии конструксияи иншооти обгузаронанда аз таъсири қувваҳои зилзилавӣ. [Матн] / Хасанов Н.М., Зувайдов М.М., Алимардонов А.М. // Паёми политехникӣ, ДТТ ба номи Академик М.С. Осимӣ (Бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ) №1 (61) 2023. – С. 207-211.- ISSN 2520-2227

2. **Зувайдов М.М.** Таҳлили ҳолатҳои техникии нақби гидротехникии Данғара. [Матн] / Зувайдов М.М. // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (Силсилаи илмҳои табиӣ) – Бохтар, 2022. №2/3 (102) – С. 64-69. - ISSN 2663-6417

3. **Зувайдов М.М.** Устувории нақби гидротехникии Данғара дар ҳолати зилзиланокӣ. [Матн] Зувайдов М.М. // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (Силсилаи илмҳои табиӣ) – Бохтар, 2022. №2/4 (105) – С.45-50. - ISSN 2663-6417

4. **Зувайдов М.М.** Рафтори зилзилатобоварии конструксияҳои обгузарон ҳангоми таъсири қувваҳои зарбавӣ аз воситаҳои нақлиётӣ. [Матн] Абдуллоев С.С., Зувайдов М.М. // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (Силсилаи илмҳои табиӣ) – Бохтар, 2023. – №2/1 (108) – С. 73-76. - ISSN 2663-6417

5. **Зувайдов М.М.** Проходка гидротехнических сооружений с предварительным укреплением методом инъекции. [Текст] Хасанов Н.М., Холов Ф.А., Зувайдов М.М. // Политехнический Вестник (Серия: Инженерные исследования) ТТУ имени Академик М.С. Осимӣ, – №3, 2022.– С. 108-115.- ISSN 2520-2227

6. **Зувайдов М.М.** Применение демпфирующие устройства для повышения сейсмойсткости зданий. [Текст] Зувайдов М.М., Икромзода И.Л., Саидов Х.К. // Вестник БГУ имени Носира Хусрава (Серия естественныых наук) – Бохтар, 2022. – №2/1 (96) – С.37-39. - ISSN 2663-6417

7. **Зувайдов М.М.** Исследование физико-механических показателей керемического кирпича. [Текст] Зувайдов М.М., Абдуллоев С.С. // Вестник БГУ имени Носира Хусрава (Серия естественныых наук) – Бохтар, 2022. – №2/2 (99) – С. 30-35. - ISSN 2663-6417

8. **Зувайдов М.М.** Математическое моделирование водопропускного тонеля на примере D-1 Рогунской ГЭС. [Текст] Зувайдов М.М., Хасанов Н.М.

// Теоретический и научно-практическийжурнал «земледелец» –Душанбе, 2024. – №2 (103) – С. 202-206. - ISSN 2074-5435

9. **Зувайдов М.М.** Таҳлили гидравликии нақби дериватсионӣ дар мисоли *D1-D2* НБО-и Роғун. [Матн] Зувайдов М.М., Хасанов Н.М., Ҷурақулов М.Р. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «кишоварз» – Душанбе, 2024. – №4 (105) – С. 120-126. - ISSN 2074-5435

**Ба автореферати диссертатсия 3 тақризи мусбат ворид шуд:**

1. Аз д.и.геол.-минерал., профессор, сарходими илмӣ Институти геология, сохтмони ба заминыунбь тобовар ва сейсмологияи АМИТ, Влиев Ш.Ф. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин ду эроди зеринро дорад:

- *Дар диссертатсия саҳифаи 108, расми 4.2, ду намуди буриши кӯндалангии конструксияи нақбро пешниҳод намудед, фарқияти байни онҳо дар чӣ мебошад?*

- *Дар автореферат расми 2, ҳисоби амсиласозии математикии нақби обгузаронро дар мисоли D-1 нақби НБО-и Роғун овардед, ки таҳкурсиаш то 5м ғафсӣ дошта, дар истеҳсолот истифода шудааст ё ин ки не?*

2. Аз доктори илмҳои техникӣ, дотсенти ДДБ ба номи Н.Хусрав Саидзода Ҷ.Ҳ. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- *Дар кори диссертатсионӣ ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ мушоҳида мешаванд.*

- *Муаллиф дар кори диссертатсионӣ дар бораи сохтори истифодабарии иншоотҳои гидротехниии давлатҳои аврупо мисолҳо овардааст, вале аз адабиётҳои техникии онҳо кам истифода намудааст.*

3. Аз номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи сохтмон ва меъмории ДДД Тураев С.С. Тақриз мусбӣ мебошад, инчунин эродҳои зеринро дорад:

- *Дар автореферат саҳифаи 13, нақшаи 9 нишон дода шудааст, ки дар он конструксияи аркашакл яклухт ё васлшаванда мебошад?*

- *Ҳамин намуди конструксияи зилзилатобовар дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудааст?*

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия ба даст овардаи унвонҷӯ чунинанд:**

- **Натиҷаҳои таҳлили омилҳои геологӣ**, ба монанди фарқияти литологӣ ва тавсифоти массиви ҷинсҳои кӯҳӣ, ки ба хосиятҳои мустаҳкамии муҳити массивӣ ҷинсҳои кӯҳии дар ҳудуди нақби гидротехникии Данғара таъсири худро мерасонанд.

- **Коркарди тавсияҳо** оиди захираи бузургӣ мустаҳкамӣ ҳангоми ҳолати мунтазамии иншоотҳои обгузарон ва комбинатсияҳои намунавии қувваҳо, ҳамчун қисми нақби обпарто дар асоси амсиласозии рақамии математикӣ дар мисоли D-1 НБО – и Роғун ва инчунин коркарди тавсияҳо барои зиёд намудани ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии то 5м.

- **Тавсияҳо оиди** интихоби зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии нақби обгузарон то 5м дар мисоли D-1 НБО-и Роғун бо дарназардошти геометрияи воқеӣ нақб ва фарқияти литологӣ.

- **муайян карда шудааст** омилҳои геологие, ки ба хосиятҳои мустаҳкамии ҷинсҳои массиви кӯҳӣ дар ҳудуди нақби гидротехникии Данғара таъсир мерасонанд;

- **пешниҳод шудааст к**оркарди конструксияи зилзилатобовари намуди аркагии қубурҳои обгузарон;

- **тавсия шудааст а**мсиласозии рақамии ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунӣ нақби обгузарон ва коркарди пешниҳодҳо оиди зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии асоси тахтасанг то ғафсии 5 м;

- **таҳлил шудааст ҳ**олати техникӣ коршоями ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара;

- **қонуният ошкор шудааст** оиди интихоби намуди махкамкунӣ дар асоси мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои пеш санҷидашуда, бо назардошти элементҳои асосии онҳо, барои қитъаҳои гуногуни нақби гидротехникӣ бо ҳисоби фарқияти аслии геометрӣ ва литологӣ.

**Аҳамияти назариявии** кори диссертатсия аз ҳалли масъалаҳо дар асоси қонунҳои механикаи хокҳо, шаклдигаркунии ҷисмҳои сахт ва механикаи сохтмонӣ иборат мебошад.

- **маҷмӯи муодилаҳои** дифференсиалии мувозинатӣ бо тағйирёбии шароити воқеӣ сарҳад, мувофиқи ивазшавии мушаххаси лоиҳаи конструксияи нақбҳо, қубурҳои обгузарон, ки ба конструксияи роҳҳои автомобилгард ва гузаргоҳҳои зеризаминии пиёдагард шомиланд, истифода шуданд.

- **коркард шудааст** таъмини муҳофизати нақбҳо аз вайроннашавии иншоотҳои гидротехникӣ ҳангоми зилзилаҳо;

- **тавсия шудааст** зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии нақби обгузарон то 5м пешниҳоди таҳкурсӣ;

- **пешниҳод шудааст** оиди интихоби маҳкамкунии дар асоси мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои пешсанҷидашуда, бо назардошти элементҳои асосии онҳо барои қитъаҳои нақби гидротехникӣ;

- **ошкор гардидааст,** ки оиди зиёд намудани тахтасангӣ зери нақб ва армиронии нақби обгузарон бо назардошти геометрияи вақеъӣ нақб ва фарқияти литологӣ.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

- **дар таъмини** муҳофизати мустаҳкам намудани нақбҳо аз харобшавӣ дар вақти заминҷунбӣ ва имконияти истифодабарии ояндаи онҳо бо харҷи минималии иловагӣ ва вақти камтарин барои таъмир;

- **ҳангоми тартибдиҳии барномаи мақсадноки комплексӣ** оид ба ноилшавии дараҷаи техникаи ҷаҳонӣ дар сохтмони нақлиётӣ барои солҳои 2019 – 2021 ва то давраи солҳои 2030 ва масъалаи «Рушди сохтмон – 2030», аз рӯи бахши «Сохтмони иншоотҳои зеризаминии гидротехникӣ»;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълимӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми тайёркунии маводҳои маърузавӣ, амалӣ, озмоишӣ ва корҳои таҷрибавӣ, барои курсҳои махсуси «Иншоотҳои гидротехникӣ», «Сохтмони зеризаминӣ ва конҳо», «Усулҳои махсуси сохтмони иншоотҳои зеризаминӣ» дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ ва фанҳои «Механикаи хокҳо, асосҳо ва таҳкурсиҳо», «Геологияи муҳандисӣ», «Сохтмони зилзилатобовар» дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва инчунин фанҳои «Иншоотҳои гидротехникии дарёӣ», «Дарғоти бетонӣ бо асосҳои саҳроӣ», «Лоиҳа ва банақшагирии иншоотҳои гидротехникӣ» дар назди кафедраи «Сохтмони гидротехникӣ ва фанҳои умумитехникӣ» Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон **истифода шуда метавонанд**.

**Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки:**

- **усулҳои** мавҷудбудаи ҳисоби зилзилатобоварӣ иншоотҳои гидротехникӣ ва обгузарон дар шароити кӯҳӣ-геологии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуд;
- таҳлилӣ назарявии нақби мавҷудбудаи зеризаминии обпартои гидротехникии Данғара истифода шудааст;
- натиҷаҳо бо мақсади таъмини устувории нақби гидротехникӣ усулҳои геологӣ ва гидрогеологӣ, амсиласозӣ ва таҳқиқотҳои аниқ гузаронида, истифода шудааст;
- усули ҳисобкунии амсиласозии бо натиҷаҳои таҷрибаҳои гузаронидашуда ва маълумотҳои олимони дигар, инчунин таҳқиқотҳои воқеи ва назариявӣ истифода шудааст;

**Саҳми шахсии муаллиф дар омоданамоии таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Муаллиф мақсад ва масъалаҳои таҳқиқотиро саҳеҳ ифода намуда, роҳҳои ҳалли назариявӣ ва таҷрибавии онҳоро муқаррар карда, ҳисоби параметрҳои геотехникии массиви ҷинсҳои кӯҳиро ва ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунии нақби зери таъсири қувваҳои зилзилавӣ қарор доштаро бо муайянкунии параметрҳои асосии гузаргоҳи нақби гидротехникӣ баҳогузорӣ намуда натиҷаҳои асосии ба дастовардаро ҷамъбаст карда хулосабарорӣ намудааст.

Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда асоснок мебошанд, мундариҷаи кори илмиро объективона инъикос мекунанд ва бо миқдори зиёди маълумотҳои таҷрибавӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки шахсан муаллиф ба даст овардааст ва таҳлили муфассал шудааст, мавҷуд мебошанд.

Дар ҷаласаи 27 феврали соли 2025 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 қарор қабул кард, ки ба Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич унвони номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ, ҳайати Шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 дар ҷаласаи мазкур 11 нафар тасдиқ шудаанд, аз онҳо дар ҷаласа 10 нафар ширкат варзиданд, 1 нафар бо сабабҳои узрнок маҷлисро тарк намуданд.

Аз рӯйи ихтисоси рисолаи дифоъшаванда, яъне 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) 3 докторҳои илм ва 1 номзади илм ширкат варзиданд, дар ҷаласа **овоз доданд:** "ҷонибдор" – 9 нафар, "зид" - **нест**, "бюллетенҳои беэътибор"- **нест**.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ** **Амирзода О.Ҳ.**

**Котиби Шурои диссертатсионӣ** **Кодиров А.С.**

“27” феврали соли 2025